ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.**КОА-152 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих.**

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30 октябри соли 2026, №3

Барои сазовор донистани Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ».

Аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих ба ҳимоя 20 августи соли 2026 қабул карда шуд, протоколи №137-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2, бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад 21.07.1993 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2016 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси забон ва адабиёти рус (ДТО №0169536) ва соли 2024 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ (ДТО №0194495) хатм намудааст.

Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад солҳои 2021-2024 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих (фармоиши қабул аз 26.01.2022, №18[a]) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Аз соли 2016 инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият менамояд.

Мавзуи кори диссертатсионии Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ», бо қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30.11.2021, №4 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

Муқарризони расмӣ:

Давлатзода Ҷамила – доктор илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Разоқов Хуршед Сохибназарович – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов» ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ».

Дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз Лоиқов Парвиз Ҷумахонович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ имзо шудааст, қайд шуд, ки Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки аз ин шумора 5 адад дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд.

Ҳаҷми умумии мақолаҳои илмии тақризшаванда 35 варақи чопӣ мебошад ва саҳми муаллиф 48,5 % -ро ташкил медиҳад.

Дар хулосаи муассисаи пешбар аз аз 25.09.2026, протоколи №2, ки онро раиси ҷаласа, Назаров Ҳотам Сарфарозович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Лоиқов Парвиз Ҷумахонович – эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва котиби ҷаласа, Расулова Нодира Сайдаламовна - саромӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур - доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сафарзода Мунир Ватан тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки: «...Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосахо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда аз ҷиҳати методологӣ илман асоснок буда, бори аввал

ҷанбаҳои амалии масъалаи ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертатсия дар асоси омӯзиши таҳқиқоти олимону педагогҳои шинохтаи кишвар ва берун аз он рӯйи кор омадааст Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои шзмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмӣ ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои сатҳи минтақави ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ, инчунин, дар ҷаласаҳои кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Қобили қайд аст, ки унвонҷӯ оид ба проблемаи таҳқиқот дониши хуби назариявӣ-илмӣ дорад, бо адабиёти илмӣ-педагогӣ хуб шинос аст ва аз ҳама муҳиммаш, адабиёти илмиро дар таҳқиқот хуб истифода бурда метавонад. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, муаллифи диссертатсия мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ»-ро бори аввал дар илми педагогикаи ватанӣ ба таври ҳамаҷониба мавриди омӯзиш. таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор дода, дар асоси натиҷаҳои бадастомада навгонии таҳқиқро пешниҳод намудааст.

Муаллиф тавонистааст ҳамоҳангии ҳофизаи таърихии хонандагонро тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ нишон диҳад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ чунин мавқеъ барои тарбияи ҷавонони соҳибҳувият, дорои ҷаҳонбинии васеъ ва эҳтиромгузор ба арзишҳои таърихӣ аҳаммияти муҳим дорад. Маводди пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонад барои омӯзгорон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи маориф ҳамчун манбаи арзишманд хизмат намояд.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, мақолаҳои илмӣ, барномаҳои таълимӣ, тавсияҳои методӣ ва дигар санадҳои таълимию тарбиявӣ оид ба омӯзиш ва ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ташкили корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, баргузории машғулиятҳои фанҳои педагогика, ахлоқ. таърихи афкори педагогӣ, таърих ва фарҳангшиносӣ, инчунин, дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи ҳофизаи таърихии хонандагон ба кор бурда шаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ метавонанд дар таҳияи барномаҳо,

дастурҳои таълимӣ вобаста ба ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ истифода шаванд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот метавонанд барои омӯзгорон, муҳаққиқон, донишҷӯён ва дигар кормандони соҳаи маориф дар такмили раванди таълиму тарбия ва баланд оардоштани сатҳи ҳофизаи таърихии хонандагон муфид бошанд.

Натиҷаҳои тадқиқот имкон медиҳанд, ки истифодаи маҷмуи методҳои иловагии такмилдиҳандаи якдигар, ки ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд, методҳои арзёбии сифатӣ, миқдорӣ ва шарҳу тафсири маълумот, бомуваффақият ҷорӣ намудани натиҷаҳо дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилотӣ таъмин карда мешавад ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври самаранок ба роҳ монда ва истифода бурда шаванд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад аҳамияти калони илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, истифодаи амалии натиҷаҳои он ба рушди соҳаи маориф ва тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузошта метавонад.

Таҳқиқи диссертасионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он ба ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад.

Кори довталаб на танҳо ба такмили назарияҳои педагогӣ мусоидат мекунад, балки дар раванди таҳсилот низ аҳамияти амалӣ дорад.

Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотӣ дар интишороти муҳаққиқ дар маҷалаҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақолаҳо дар маҷмуаҳо аз конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамоянд. Инчунин, муҳаққиқ кӯшиш намудааст аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, аз адабиётҳо бо забони тоҷикӣ истифода намуда бо нутқи хаттии фаҳмо фикру ақидаҳои худро иброз намояд.

Инчунин, қайд гардидааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад 13 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 5 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Қаландаров С.А. Ташаккули малакаҳои таҳлили таърихӣ ва методологияи он // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4 (49). – С. 114 -121. ISSN 2222-9809.

[2-М] Қаландаров С.А., Қурбонов Ф.А. Шароитҳои психологию дидактикии ташаккули тафаккури таҳлилии хонандагон // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2024. – №4 (48). – С. 200-206, ISSN 2617- 5320.

[3-М] Қаландаров С.А., Қурбонов Ф.А. Шароити психологию дидактикии ташаккули тафаккури таҳлилӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 12. Қисми II. – С. 356-362. ISSN 2074-1847.

[4-М] Қаландаров С.А. Сарчашмаҳои тарҳрезии ҳофизаи таърихии тоҷикон дар мисоли омӯзиши ғояҳои педагогии ниёгон ва мутафаккирони муосир // С. Қаландаров / Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2025. – №1-4 (140) - С. 345-350.. -ISSN 2663-5534

[5-М] Қаландаров С.А., Қурбонов Ф.А. Шароитҳои психологию дидактикии ташаккули тафаккури таҳлилии хонандагон // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2025 – №1 (55). – С. 104 -111. ISSN 2222-9809.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии дяссертасияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи унвонҷӯ самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар қисматҳои муайяни матн ифодаҳои такрорӣ ва ибораҳои умумии бе мазмуни таҳлилӣ дида мешаванд, ки таъсири зеҳнӣ ва фаҳмоии муҳтавои илмиро коҳиш медиҳанд.
2. Дар баъзе мавридҳо ҷудосозии байни бахшҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот ниёз ба равшантар баён карданро дорад.
3. Сатҳи истифодаи маълумоти оморӣ, ҷадвалҳо ва диаграммаҳо метавонад васеътар ва таҳлилгаронатар бошад.
4. Қисме аз тавсияҳо метавонанд бо мисолҳои мушаххаси татбиқ дар муҳити таълимии кишвар тақвият дода шаванд, то таъсири амалиашон равшантар гардад.
5. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдода таъсир намерасонанд ва онҳо характери тавсиявӣ дошта, дар оянда барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия кумак мерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 74-78-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Носиров Саъдулло Шукулоевич - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фалсафава сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

2. Каримзода Шавкат – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

3. Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини директори Агентии ҳифзи меросии таърихию фарҳангии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-077 аз 20 августи соли 2026, протоколи №137-ИҲ, тибқи банди 45, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 80, 81 ва 84-85-и Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ унвонҷӯ корҳои зерин **коркард карда шудаанд:**

- ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ дар заминаи методологӣ ва назариявӣ **асоснок карда шудааст;**
- омӯзиши ҳофизаи таърихии хонандагон ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ дар шароити рушди малакаи таҳлилию таърихӣ ва қобилияти маърифатии хонандагон **асоснок карда шудаанд;**
- ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар ҳофизаи таърихии хонандагон ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон **аниқ карда шудааст;**
- вобаста ба ҳофизаи таърихии хонандагон ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ**, амсила таҳия ва тасвиб карда шудааст;**
- таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**
- самтҳои фаъолияти омӯзгори муассисаи таълимӣ бо хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти ҳофизаи таърихии хонандагон ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ **муайян карда шудааст;**
- нақши ҳофизаи таърихии хонандагон ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**
- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба омӯзиши ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар фаъолияти педагогӣ **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**
- самаранокии дар амал татбиқ намудани ҷанбаҳои педагогии Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:

- мафҳуми «ҳофизаи таърихии хонандагон» дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир дақиқ ва систематикӣ **шарҳ дода шудааст;**

- сохтори методологӣ ва психологӣ-педагогии мафҳуми «ҳофизаи таърихии хонандагон» таҳлил гардида, ҷузъҳои асосии он (иттилоотӣ, таърихӣ, таҳлилӣ, арзишӣ ва амалии иҷтимоӣ) **асоснок карда шудаанд;**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- барои корҳои минбаъдаи илмӣ **кӯмак расонида метавонад;**

- анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии таълими ҳофизаи таърихии хонандагон ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврас тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ **саҳифаҳои нав боз кунад;**

- маводи таҳияшуда дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, энсиклопедияҳо ва солномаҳо мавриди **истифода қарор гирифта метавонад;**

Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- пешниҳоди пояи қобилиятҳои муҳим оид ба иҷрои машғулиятҳои таҳлили таърихӣ ва баёни назариявии раванди шаклгирӣ ва рушди малакаҳои таҳлилӣ зимни омӯзиши таърих дар таълимгоҳҳо **кӯмак мерасонад;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ ва ба таври самаранок ташаккул додани онҳоро **фароҳам меоварад**;

- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахш оид ба омӯзиши ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии хонандагон **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- мустаҳкамии назариявии фарзияи таҳқиқот, ки дар асоси таҳлили манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гардида, бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсияти хонандагон **такмил дода шудааст;**

- истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногуни таҳқиқоти эмпирикӣ (мушоҳида, саволнома, мусоҳиба, озмоиши муқаддимавӣ ва ташреҳӣ), ки натиҷаҳоро аз ҷиҳати сифатӣ ва миқдорӣ тасдиқ менамоянд **исбот карда шудааст;**

- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит, инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтаанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии ташаккули

ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:

- **дар таҳлили** ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот;

- **дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани ҷанбаҳои педагогии ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** масъалаи ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 30 октябри соли 2026, №3 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад ба дараҷаи илмии номзади илмҳои

педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, аз 9 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, ба таври иловагӣ барои ҳимояи якдафъаина 5 нафар ворид карда шуданд.

Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Ҳоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 30.10.2026.